ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Устувории вазъи иҷтимоию иқтисоди ҳар як мамлакат аз сифати татбиқи муассири сиёсати озуқавории миллӣ, вобаста мебошад. Аз ин рӯ, таъмин ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнок ва ҳаётан муҳими рушди комплекси агросаноатии мамлакат ба шумор меравад.

Барои дар амал тадбиқ намудани ин ҳадаф аз ҷониби докторант Давлатова Рухшона Нодирхоновна корҳои илмӣ-таҳқиқотии комплексӣ ва бисёрсамта, ки ба масъалаи мубрами кишоварзӣ, дар шароити вилояти Хатлон навъҳои тезраси сурепитсаи "Вахш−26" ва миёнараси мушунги "Серҳосил", ғаллагиҳо (сулӣ, ҷавдор) дар кишти фосилавӣ манбаи муҳими хӯроки сабзи барвақтиро дар аввали баҳор барои чорво таъмин менамояд.

Бинобар ҳамин, корҳои тадқиқотии докторант омӯхтани хусусиятҳои тараққиёт, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба муҳлати кишт, таъсири он ба ҳосилхезии хок, зироати баъдкиштшаванда дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам ва таҳияи усулҳои илман асоснок доир ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар як сол равона гардидааст.

Бори аввал дар минтақаи Вахш аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта шуд ва конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо таҳқиқ карда шуд.

Давлатова Рухшона Нодирхоновна қайд менамояд, ҳосилнокии анбӯҳи сабзи мушунг дар кишти тоза ба 305 с/га, моддаи хушк 55 с/га, воҳиди хӯрока 41 с/га ва протеини ҳазмшаванда ба 6,7 с/га баробар шуд. Дар кишти омехтаи мушунг+ғаллагиҳо маҳсулнокӣ зиёд шуда, он вобаста ба вариантҳо мутаносибан ба 355-449 с/га: 67-90 с/га: 57-72с/га ва 7,4-9,4 с/га расидаст, ки нисбати кишти тозаи мушунг мутаносибан 50-144: 12-35: 8-23 ва 0,7-2,7 с/га зиёд мебошад

Докторант Давлатова Р.Н. усулҳои пайдарҳамии кишти зироатҳои кишоварзӣ, кишти омехтаи мушунг бо ғаллагиҳо+ҷуворимакка + арзан, офтобпараст, мушунг ва бозрӯйиди таҳқиқ намудааст, ки амали шуданашон дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои инконият фароҳам оварда, ки 4 ҳосили анбӯҳи сабз руйёнида шудааст. Дар маҷму

вобаста ба вариантҳо 1903-2065 с/га анбӯҳи сабз, 356-385 с/га воҳиди хӯрока ва 38,1-41,1 с/га протеини ҳазмшаванда ҷамъоварӣ карда шавад. Вобаста ба вариантҳои санҷишӣ аз ҷамъи 4 ҳосил дар як сол даромади соф аз 17430 то 20357 сомонӣ/га баробар шудааст.

Ҳарчанд, кори диссертатсионӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ бошанд, ҳам, дар он якчанд камбудиҳо мавҷуданд:

1. Саҳифаи 29 тавсияи 2-юм воҳиди хурока 35,6-38,5 ислоҳ карда шавад (бояд 356-385 с/га бошад).
2. Ҷадвалҳо зиёд шудааст, баъзе ҷадвалҳоро ба замима гузаронида шавад.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон" ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи "Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо" мувофиқ дониста, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақризиҳанда: директори Маркази миллии
захираҳои генетикии АИКТ
номзади илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - Зироаткории
умумӣ, растанипарварӣ. Пулодов Ф.М.

Суроға: 734027 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора
кучаи Сафаров Т.С.
Тел: (+992) 93-570-01-44
Почтаи электронӣ: farhod.pulodov@mail.ru

4.02.2026.

Имзои Пулодов Ф.М. - ро тасдиқ мекунам:
Нозир доир ба кадрҳои Маркази миллии
захираҳои генетикии АИКТ Миҷгонаи М.

Суроғаи муассиса:
735104, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н. Рудакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ,
дех. Маҳмадшои боло
тел.: (+992) 988-93-79-62
Почтаи электронӣ: geneticresources.tj@mail.ru